Т2
Ҷ-26

РАҲИМ ҶАЛИЛ

# БАЪДИ БОРОН

Раҳим Ҷалил

Т2
Ҷ-26

# БАЪДИ БОРОН

41589
БИБЛИОТЕКА
профкома Ленинабадского
шелкокомбината.
41589
ИНК-84

Нашриёти „Ирфон“
Душанбе — 1978

Тоҷик 2
Ҷ 26

**Ҷалил Раҳим**

**Ҷ 26** Баъди борон. (Маҷмӯаи шеърҳо). Душанбе, «Ирфон», 1978.

96 с.

Раҳим Ҷалил асосан носир аст. Вале ӯ ҳанӯз дар ибтидои солҳои сӣ эҷодиёти худро аз назм сар карда буд.

То ин муддат ӯ ба хонандаи худ чандин ҷилд ҳикоя, повесту романҳо ҳадья карда бошад ҳам, аз шеъргӯӣ батамом даст накашидааст.

Намунаи ашъоре, ки дар ин маҷмӯа гирд омадааст, самараи он эҳсосотест, ки нависанда дар қолаби назм ифода кардааст.

**Джалил Рахим**

После дождя.

Ҷ $\frac{70403-898}{\text{М } 501(13)-78}$ —78 Тоҷик 2

© Нашриёти «Ирфон» — 1978

Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
Китобхонаи вилоятии оммавӣ
ба номи Тошхӯҷа Асирӣ



## НУРИ ДИДАВУ ТОҶИ САР

Меҳри Ватан, муҳаббати Ленин ба қалби ман
Бо шир андарун шуда, бо ҷон бадар шавад.
Бар хонадони халқҳо дар даҳри чун чаман
Ин нури дида бошаду он тоҷи сар шавад.

*Соли 1972.*

# ЛЕНИН ДАР ШАҲРИ ХУД

Ҳар пагоҳӣ чун аз ин ҷо даргузар
Мешавам ҳангоми рафтан ман ба кор,
Ё чу бармегардам аз он ҳар сафар
Суст мемонам қадам беихтиёр.

Чун ба раҳбар, чун падар, чун муттакэ
Ман ба ӯ таъзиму сар хам мекунам,
Маслиҳат, панде гирифта гӯиё
Қуввате бар қувватам зам мекунам.

Пояи ҳайкал ҳамеша пур зи гул,
Пиру барно, кӯдакон меоваранд.
Ҳамчу рамзи ҳурмати ҷовиди кулл,
Аз гулистонҳо ба ҷон меоваранд.

Шаҳри Ленин гарчи як шаҳри қадим,
Навҷавон гардида, сар то по наваст.
Бо чунин як ёдгории азим,
Гӯшаи Майдони Сурхи Маскав аст.

*Соли 1974.*

## ИЛМИ ЛЕНИНӢ

Чароғи Ильичӣ дар хона нур мепошад,
Чу офтоби баҳорон сурур мепошад.
Ба зери партави он ман китоб мехонам,
Ки то улуми футуҳоти асрро донам.
Чӣ илм? Илми тараққӣ, тамаддуни инсон,
Тамоми монеаҳо бартараф шавад аз он.
Чӣ илм? Он ки надонад шикастро асло,
Ба нури хеш мунаввар кунад раҳи моро.
Чу кӯҳҳои Бадахшон баланду пурсарват,
Ба мисли бахр бузургу ҳамеша дар ҳаракат.
Ба файзи ӯст ҳама мушкилоти ман осон,
Ба файзи ӯст шуда ҳоҷатам ҳамеша равон.
Ба файзи ӯст сари ман баланд ҳамчун кӯҳ,
Мудом бардаму пуриқтидору болорӯҳ.
Ба файзи ӯ Ватани ман чунин ба нашъу намост,
Чу офтоби дурахшандаи ҷаҳоноро̄ст.
Ба файзи ӯст, ки саҳрои мост пурҳосил
Ҳаёт хурраму обод хонаву манзил.
Ба файзи ӯст, ки маҳсули корхона фузун,
Гузашта шӯҳрати халқи советӣ аз гардун.
Ба файзи ӯст, ки ганҷинаҳои зери замин,
Кушодаанд дари худ ба давлати Ленин.
Ба файзи ӯст, ки мо ибрати замон шудаем,
Мададгари ҳама меҳнаткаши ҷаҳон шудаем.

Диёри мост аз ӯ такьягоҳи озодӣ,
Макони амну амон, ошьёнаи шодӣ.
Китоби доҳии мо Ленини муаззамро,
Бинобар ин бихонам ба меҳри беҳамто.

*Соли 1949*

# ҶОВИДОН БОШ!

Ватан! Эй модари ман,
мехрубонам,
Азизам, иззатам, ҷонам, ҷаҳонам.

Тӯӣ сарчашмаву оғози ишқам.
Тӯӣ овозу нозу рози ишқам.

Тӯӣ маҳбуби халқи рӯи олам,
Зиёратгоҳи ҳар авлоди одам.

Тавоносарвари дуньёи сулҳӣ,
Муқаддасқалъаи зебои сулҳӣ.

Ба ҳар сӯ нур пошида чу хуршед,
Ба дилҳо ҳар нафас мебахшӣ уммед.

Нахустин истгоҳи барқи атом,
Нахустин киштии атомии том,

Нахустин дар фалак парвоз кардан,
Қадаммонӣ дар он оғоз кардан,

Ба инсон ҷовидонӣ бахт додан,
Ба сӯи коммунизм раҳ кушодан,

Ба ту дорад тааллуқ Аввалинӣ.
Чу мулки доҳии аъзам Ленинӣ.

Ҳамефахрам, ки як фарзанд астам
Ҳамеболам, ки як дилбанд астам.

Шукуфон бошу доим дар амон бош,
Ба бахти одамият ҷовидон бош.

*Соли 1966*

# БА ҶОНИ ҶАҲОН

Ҷонам, Ватанам, такьягаҳи амну амонӣ,
Бонии башар, рамзи зафар, ҷони ҷаҳонӣ.
Қувват ба дилу ақл ба сар, нур ба дида,
То ҳол ҷаҳон мисли туро ҳеҷ надида.
Фирӯзу тавоноиву беҳадду канорӣ,
Ободу пур аз неъмату зебо чу баҳорӣ,
Ту меҳри дурахшони ҳама олами меҳнат,
Ту байраки озодиву сарчашмаи ғайрат.
Ту манзили шодиву ба иқбол маконӣ,
Бар ҳар тарафи рӯи ҷаҳон нур фишонӣ.
Ҳар кас, ки кунад ҳамла ба ин хоки муқаддас,
Монад ба ҷаҳон номи баде боқӣ аз ӯ бас.
Амнияту озодиталаб мардуми дуньё
Ёранд ба мову сафи мо зӯру тавоно.
Ҷонам — Ватанам такьягаҳи амну амонӣ,
Бонии башар, рамзи зафар, ҷонӣ ҷаҳонӣ.

*Соли 1950*

# СССР

Сарчашмаи саодату бахти башар туй,
Субҳи сафову байраҳи фатҳу зафар туй.
Сероби нозу неъмату шаҳду шакар туй,
Рӯҳу дилу умеди ҳама ранҷбар туй.

Садҳо ҳазор дидаи олам ба сӯи туст,
Садҳо ҳазор дар талабу орзуи туст.
Созу суруди халқҳо тавсифи рӯи туст,
Рӯят чу меҳру нур аз он рӯи накӯи туст.

Солу маҳи ту фатҳи наву тоза оварад,
Саъят ҳамеша шавкату овоза оварад.
Суръат барои ту ҳар лаҳза оварад,
Роҳат ба халқ беҳаду андоза оварад.

# ЗАРАФШОН

Зарафшон, дар раҳат зар мефишонӣ,
Ба соҳил дурру гавҳар мефишонӣ.

Чи созам кавсари афсонаҳоро?
Ту оби беҳ зи кавсар мефишонӣ,

Самар бахшӣ ба саҳрои Самарқанд,
Бухороро аҷаб бар мефишонӣ.

Ба кӯҳистон диҳӣ, файзу таровaт,
Ба водӣ зебу зевар мефишонӣ.

Магар гесӯ ба обат гулрухе шуст,
Қи ҳар сӯ мушки анбар мефишонӣ?

Ба зудӣ мерасад рӯзе ту ҳам нур
Ба мо чун меҳри ховар мефишонӣ.

Чароғистон шавад атрофу ҷониб,
Чу анворат саросар мефишонӣ.

Раҳим, дил аз Зарафшон чун тавон канд?
Дилат гашта мусаххар, мефишонӣ.

*Соли 1966*

# КӮҲИСТОН

Чи манзарест дар ин марғзори кӯҳистон,
Чи нағмаест дар ин обшори кӯҳистон!
Гумон барӣ, ки пур аз нуқра қуллаи барфин,
Лаболабанд аз ӯ ҷӯйбори кӯҳистон.
Баҳор дар ҳама ҷо мешавад, вале махсус —
Ба ҷон ҳузуру ҳаловат баҳори кӯҳистон.
Ҳама нишебу фарозии он зумуррадранг,
Хиҷил бувад чаман аз арчазори кӯҳистон.
Насими ӯ чи насимест, ҷонфазо, форам.
Чи хуш ҳавои басе созгори кӯҳистон.
Варақ-варақ ҳамаи санги ӯ бувад маъдан,
Ҷаҳон-ҷаҳон зару сим ифтихори кӯҳистон.
Диҳад ба нафъи халоиқ тамоми ҳастии хеш,
Хазинаҳои дури шоҳвори кӯҳистон,

* * *

Ҳазор дида ба як диданат шавад равшан,
Надида дида мисолат нигори кӯҳистон,
Наистода даме рафтиву вале аз ёд —
Чаро намеравӣ, эй гулъузори кӯҳистон?

*Соли 1948*

## БАР КОКУЛАШ ПЕЧИДА-ПЕЧИДА

Дилам хун шуд рухи дилдорро нодида-нодида,
Шакар аз лаъли шаккарбори ӯ начшида-начшида.
Илоҷам чист? Рафтам бар дари ӯ нолаҳо кардам,
Ба хоки остонаш чашмро молида-молида.
Бурун омад итобам кард, гуфт: «Аз ман чӣ мехоҳӣ?»
Ба зорӣ гуфтам эй ҷон бӯсае, тарсида-тарсида
Чи хушбахтӣ, ки бар аҳволи зорам раҳм кард охир,
Нигоҳе кард сӯям зери лаб хандида-хандида.
Насими навбаҳорон шӯхиҳо мекард бо зулфаш,
Ба ҳар сӯ мӯи анбармӯйро безида-безида.
Аз оғӯшам баромад, гуфт: «Рав акнун ҳамин ҳам бас,
Зи ҷонам сер кардӣ тоза ҳам бӯсида-бӯсида»...
Надонистам, ки ин бедорӣ ё хобу хаёлам буд,
Ба як дам ғайб зад бар кокулаш печида-печида.

*Соли 1939*

# МАКУН АРОЗИ ДАРОЗ

Ҷони ширин,
　　　　　　дилбари танноз,
То ба кай мекунӣ ту ишваву ноз?

Меҳрубонӣ чудо равад, як рӯз
Баъди он мекунӣ арози дароз.

Ин қадар ҳам маро азоб мадеҳ,
Дараке нест аз ту чанде боз.

Чашм дар роҳ менишинам ман
Гӯш дода ба ҳар яке овоз.

Агар аз ман гузашта бошад, узр,
Қаҳрро гиру бар замин андоз.

Чун Қамоли Хуҷанд гӯям лутф
Гар ба лутфе намоӣ сар-афроз

Нигаҳе сӯи ман кунӣ хонам
Ғазале ҳамчу Ҳофизи Шероз.

Гар ту хоҳӣ ба поят орам моҳ,
Меҳри ховар биёрамат ба ниёз.

Ҳар чи хоҳӣ ба ҷон ба ҷо орам,
Макун, эй ҷон, дигар фақат ту ароз.

Ошиқи чашмҳои туст Раҳим,
Раҳм кун суи ӯ назар андоз.

# ШИРИН

*(Суруд)*

Лаби лаъли ту чун асал ширин,
Суханони ту бебадал ширин.
Ваҳ чӣ ширин ниҳонии дидор,
Буд ширин аз азал ширин.
Қанда кардӣ ту чашмаконамро,
Макун асло дигар ҳаял ширин.
Аз рақиби дағал ба фарьёдам,
Мерасонад ба мо халал, ширин.
Пахтачинӣ агар баҳонаи туст,
Меравам наздат ин маҳал ширин.
Хирмани пахтаро чу кӯҳ кунем,
Чида бо суръату ҷадал ширин.
Чун санохони бахти ёр Раҳим
Гӯядат қиссаву ғазал ширин.

*Соли 1939*

## БӮИ ТУ ОМАД

Аз номаат, эй ҷони ширин, бӯи ту омад,
Бӯи гули рӯ, сунбули гесӯи ту омад.

Як моҳ гузашт ин, ки зи дидори ту дурам,
Ҳар лаҳза вале пеши назар рӯи ту омад.

Чашмам чу ба шамшод биафтод дар ин шаҳр,
Филфавр ба ёдам қади дилҷӯи ту омад,

Сарро биниҳодам чу ба болини ғарибӣ,
Ин турфа, хаёли сари зонуи ту омад.

Ҳар хона равам, хонаи ту буд ба ёдам,
Ҳар дар, ки равам, ёди сари кӯи ту омад.

Сад бор қадам ҷониби дигар биниҳодам,
Дар ҳайратам аммо, ки фақат сӯи ту омад.

Бар дида бимолам сазад ин нома аз он чун
Ёди нигаҳи дидаи ҷодуи ту омад.

То ин ки бихонию бирақсӣ ту Раҳимат
Бо як ғазали тоза ғазалгӯи ту омад...

*Соли 1940*

41589

2—2998



Китобхонаи вилоятии оммавӣ ба номи Тешхӯҷа Асирӣ

## ТУ МЕРАВӢ?

Ту меравию диламро, ки мебарӣ бо худ,
Бигӯй бе туву дил ҳоли ман чи хоҳад шуд?

Марав, ту ин дили озурдаро мадеҳ озор,
Ки мурғи риштабапо буд ба тангнои вуҷуд.

Марав, марав, ҷигари ман, намон маро танҳо,
Масӯз ҷисми маро ҳамчу кӯраи пурдуд,

Далели сидқу вафодориям чӣ мепурсӣ?
Санад ҳамон дили садпора, ки ба дасти ту буд.

Ба рӯи ҳамчу хазон зардам ашк гашта равон,
Гумон барӣ зи биёбон гузар кунад ду рӯд.

Туро ба ҷону дилам чун Ватан парастидам,
Фидои ишқи ту кардам ҳар он чи буду набуд.

Варақ задам ҳама сар то ба по китоби ҳаёт
Раҳим ғайри муҳаббат дигар хулоса набуд.

*Октябри соли 1970*

## МУҲАББАТ ТО ҶАҲОН БОҚИСТ, БОҚИСТ

Ману ту, ёри ҷонам, чанд гоҳе
Ба ҳам дил додани худро нуҳуфтем,
Гаҳе бо як нигоҳе, гаҳ ба оҳе
Ба ҳам мо рози дилҳоро бигуфтем.

Чунон, ки бӯи мушк пинҳон намонад,
Ниҳоят ишқамон шуд ошкоро,
Маломатро муҳаббат кай бидонад?
Ба таъни дигарон онро чӣ парво!

Яке шуд дӯст, дигар маслиҳатгар
Ба тарзи хеш ҳар як панд мегуфт,
Ба ту: «Аз баҳри ин андеша бигзар»,
Ба ман: «Ҳаргиз машав побанд» — мегуфт.

Вале ишқи ҳақиқӣ пушти по зад
Ба он зарбулмасал, он таъна, в-он панд,
Намуда одати деринаро рад,
Ду дил пайванду ду ҷон шуд ҷигарбанд.

Чунон зистему чандон аҳл будем,
Ки ҳар як кас ҳавас мекард онро.
Насақ аз Лайлию Маҷнун рабудем,
Сабақ додем бар Вомиқу Узро.

Тамоми қиссаву афсонаи ишқ
Фақат як ҳиссае аз ишқи мо буд.
Дили мо шуд зиёратхонаи ишқ,
Рамузи равшани аҳду вафо буд.

Наҳанги марг агарчанде фурӯ бурд,
Туро, эй ёри ҷон, бовар надорам,
Надорам бовари̅ гӯянд: «Ӯ мурд»,
Ба марги беамон имон наёрам.

Муҳаббат то ҷаҳон боқист, боқист,
Аз ин рӯ ошиқон ҳаргиз намиранд.
Ба онҳо як ҳаёти одами̅ чист?
Раванду зиндаги̅ аз сар бигиранд.

Сарамро монда бар қабри ту гӯям:
Ба савгандам ҳамеша содиқастам.
Дигар ёре барои худ наҷӯям,
Муҳаббат, ишқи покатро парастам.

Агарчи пайкари поки ту пинҳон
Дар ин оромгаҳ дар зери ин гил.
Чунин пиндорам, эй маҳбуб, эй ҷон
Мазори ту маро дар сандуқи дил.

*Соли 1970*

# АЗ ИШҚАТ ҲАДИСАМ

Раҳи норафтаеро тай намудам,
Сафар ҳар сӯй пай дар пай намудам.
Туро аз ёд берун кай намудам?
Нигоҳе ё ба ину вай намудам?
Хаёлам ҳамраҳу дамсоз будӣ,
Ба ҳар ҷо ҳамдаму ҳамроз будӣ.

Иморат, шаҳрҳо буньёд кардам,
Ҳама н-ободро обод кардам.
Як олам насру назм эҷод кардам,
Чу пурсиданд,
нутқ эрод кардам.
Ту дар мадди назар будию будӣ,
Диламро бо нигоҳе мерабудӣ.

Ба сӯи ағбае раҳ мекушодам,
Ҳуҷум овард ногаҳ тундбодам.
Бимондам зери барфи қадди одам.
Ба навмедӣ валекин тан надодам.
Ба дуньё доштам ман дилкашолӣ,
Тӯӣ он ҳайкали некӯхисолӣ.

Шавам меҳмони ҳар фархундафоле,
Ба ҳар хушсӯҳбату ширинмақоле.

Нишемангоҳи ман буд ҷои олӣ,
Ба паҳлӯям вале як ҷой холӣ
Ҳамеистод, бешак ҷои ту буд,
Заминаш интизори пои ту буд.

Чу баргаштам ба наздат, дурр бисуфтӣ,
Ҳикоят, наклҳои тоза гуфтӣ.
Вале як рози худро чун нуҳуфтӣ
Ки аз бемориат ҳарфе нагуфтӣ?

Шуда шайдою маҳви гуфтугӯят,
Набурдам пай магар аз ранги рӯят?
Ту рафтиву ба сад ҳасрат бимондам,
Фиғонро то ба гардун мерасондам.

Зи дида хуни дилро меравондам,
Надонистам чи бинвиштам, чи хондам,
Шудам воқиф, ки аз ту менависам,
Зи меҳнат, санъат, аз ишқат ҳадисам.

*1975*

# МУҲАББАТРО МУҚАДДАС ДОН, МУҚАДДАС

Агар лофи муҳаббат дорӣ эй кас,
Ба фаҳми ин калима хубтар рас.
Ба ҷуз меҳру муҳаббат ошиқ аслан,
Намедонад дигар ҳарфи муқаддас.

Вафову ҷоннисорӣ кори ошиқ.
Хиёнат бар муҳаббат кори нокас
Муҳаббат шеваи ҳар булҳавас нест,
Муҳаббат хоси соҳибдил бувад бас.

Ба ишқу ошиқӣ дорӣ агар шак,
Мазан ҳарфи муҳаббатро аз ин пас,
Муҳаббат, ишқи поки одамиро
Макун олудаи ҳар хору ҳар хас.

Муҳаббатро чу нури дида бишмор,
Муҳаббатро муқаддас дон, муқаддас.

*Соли 1939*

# ДАР ШАБИ СОЛИ НАВ

Он дилбари тоҷик, ки чашмони сиях дошт,
Бо як нигаҳаш бурд дилам, турфа нигаҳ дошт.

Наззора ба рухсораи ӯ буд чу душвор,
Гуфтем, ки дар ҳифзи маҳаш қавсу қузаҳ дошт.

Бас косагули сӯҳбати мо буд худи ӯ,
Дар маҳфиламон нашъу намо файзу фараҳ дошт.

Ҳамранги лабаш дар қадаҳаш буд маи сурх,
Қардем гумон ин, ки вай аз лола қадаҳ дошт.

Айбам макунед ин ки дилам аз паси ӯ рафт,
Охир чу ба худ бурд вай, ӯ ҳам чи гунаҳ дошт?

Пурсӣ, ки Раҳим аз паси ҷонона нарафтӣ?
Дил рафту маро шарми сабилмонда нигаҳ дошт.

*Январи соли 1949*

## САНАВБАР

Ман шефтаи зулфи сумансои Санавбар,
Дилбохтаи наргиси шаҳлои Санавбар.
Мафтуни лаби лаъламу он холи сиёҳаш,
Қурбони қаду қомати болои Санавбар.
Дар меҳнати пуршаъну шараф ӯ шуда машҳур.
Болост кунун дар ҳама ҷо ҷои Санавбар.
Аз пахта диҳад хирмани чун кӯҳ баланде,
Дар нашъу намо ҳосили саҳрои Санавбар.
Мефахрам аз ин лавҳаи фахрӣ, ки аз он чун
Сӯяи нигарад сурати зебои Санавбар.

*Соли 1952*

# ДАР ҲАВОПАЙМО МЕХОБӢ

Нигоро, ҳар яке чун теғи буррон аст мижгонат,
Ба рахшониву сӯзонӣ мисоли лахча чашмонат.
Ҳавопаймои мо гаҳвора гашту нарм мехобӣ,
Чи хуш ин мурғи зарринболи мо гаҳворачунбонат.
Қасам бар ҳусни оламгири ту мо ошиқат гаштем,
Асиру волаи он холу в-он зулфи парешонат.
Ба даврон офарин ҳусни туро то осмон бардошт,
Малакро аз фалак афтод чашму гашт қурбонат.

*Соли 1943*

# ДАРЕҒО!

*(Ба фавти М. Аминзода)*

Чи андӯҳ!
Ин чи мотам!
Мечакад аз дида хуни дил.
Дареғо кард шоир бемаҳал азми дигар манзил.

Нагирьям?
Ин бувад мушкил.
Насӯзам?
Ғайри имкон ин,
Бурун шуд шоири ширинкалом афсӯс аз маҳфил.

*10 сентябри соли 1966.*

## ШАБИ ШИДДАТИ ДАРД

Эй кошкӣ бароям якчанд шаб намешуд,
Ҷисми фасурдаамро ин тобу таб намешуд.
Ҳамсоям намешуд безори нолаҳоям,
Шабзиндадории ман ин қадр гап намешуд.
Бечора дил намешуд аз дард пора-пора
Тарки макон намуда ҷон то ба лаб намешуд.
То ними шаб ба гӯшам овози радио буд,
Он ҳам хамӯш гардид, беҳтар, ки хаб намешуд.
Хоҳам дамад ҳамин дам он субҳи хандабарлаб,
Гӯё, ки баъди шаб ҳеҷ ранҷу тааб намешуд.
Зориву лоба дорам эй умр, боз чанде
Таъхир кун ба рафтан, дигар талаб намешуд.
Ногуфта ҳарф афзун, сарфи ҳамон бигардӣ,
Охир худат бидонӣ лаҳву лааб намешуд.

*Феврали 1974*

# ҚАВЛИ ТАМОМИ ХАЛҚ

Дирӯз мегузаштам аз назди пахтазоре,
Дар пахтачинӣ дидам деҳқони пахтакоре,
Марди фарохкитфу хушқадду сурхрухсор,
Боғайратии махсус аз кори ӯ намудор.
Дудаста пахта мечид бо суръати аҷоиб,
Гоҳе шуда намоён, гоҳе зи чашм ғоиб.
Дар рӯ ба рӯи ӯ ман як фурсат истодам,
«Саркор монда нашавед!» — гуфта салом додам.
«Раҳмат, канӣ, бародар дам гиред охир ин ҷо»,
Гуфту ба меҳрубонӣ, қомат намуд боло.
Аз пахта лаб ба лаб буд ӯро чу пешдоман,
Аз баҳри холӣ кардан омад ба сӯи хирман.
Чун дӯстон фишурдем мо дасти якдигарро,
Кардем сӯҳбат андак аз кору бори саҳро.
«Қай мерасад ба анҷом иҷрои ӯҳдадорӣ?»
Пурсидам, ӯ табассум бинмуда гуфтӣ: — «Оре,
Қавле ки дода будем сиюпанҷ центнерӣ буд,
Хурсанду шод ҳастем, панҷоҳ центнерӣ шуд.
Лекин, ҳанӯз бинед, ҳосил чи қадр бисьёр
Хам гашта шохи пахта аз ғӯзаҳои пурбор,
Ҳам рӯзу ҳам шаб имсол кардем меҳнати зӯр
Аз комьёбии хеш асло наем мағрур.
Зеро бинои тинҷӣ бо меҳнат устувор аст,
Сулҳи миёни мардум бо кор пойдор аст.

Ин ҳосили фаровон ғишти бинои сулҳ аст,
Ин шаъну шӯҳрати мо созу садои сулҳ аст...
Мо ҳосилотро зуд, албатта ҷамъ орем,
Як каф намонда онро бар мамлакат супорем.
То ин, ки нури чашму пушту паноҳи одам
Мулки Советии мо пуриқтидору аъзам
Пуриқтидортар бод ин ҳомии амонӣ,
Чун такьягоҳи бахту иқболу зиндагонӣ».
Аз гуфтаҳои ин мард хурсанд гашта беҳад
Дар хайрбод гуфтам:
— Раҳмат, ҳазор раҳмат!
Ин қавли пахтакорон қавли тамоми халқ аст,
Дар роҳи сулҳи олам азму мароми халқ аст.

*Соли 1950*

# ҚАНДАТА ЗАН!

Ба ваъда кардӣ вафо пахтакор, қандата зан,
Барори кори ту боифтихор, қандата зан!
На рӯз гуфтӣ, на шаб, кардӣ меҳнату нашудӣ —
Ба лутфи обу ҳаво интизор, қандата зан!
Писанди барфу хунукӣ накардию будӣ
Ҳамеша дар бағали пахтазор, қандата зан!
Муҳаббати Ватану меҳри пешвои азиз,
Намуд гарм дилатро ба кор, қандата зан!
Ҳалол кардӣ чу меҳнат, кунун ҳалолат бод
Даромади ту ҳазори ҳазор, қандата зан!
Ба иди кишвари тоҷик ту тӯҳфаи хубе
Намудӣ пешкаш эй номдор, қандата зан!

*Декабри соли 1949*

# БА ПАХТАКОРИ ВАТАН

Пахтакори номдори кишварам,
Марди майдону азизу мӯҳтарам,
Фатҳи нав эҷод кардӣ, офарин!
Мамлакатро шод кардӣ, офарин!
Шӯҳрамандиву шудӣ машҳуртар.
Рафт боз овозаи ту дуртар,
Зарбдорӣ, ғайрататро қоилем,
Моҳириву меҳнататро қоилем,
Инҷиқиҳои табиат бешумор
Буду кардӣ рафъ дар майдони кор
Пахта хирман гашт кӯҳосо баланд,
Ҳимматат шуд мардуми моро писанд.
Аз дилу ҷон гӯядат халқи Ватан:
Пахтакори Тоҷикистон қанд зан!

*Соли 1965*

# БА ҒАЛЛАКОР

Меҳнати озоду нури офтоб,
Оби борон, хоки зархези Ватан,
Ғалла рӯёнида беҳадду ҳисоб,
Дашт зебо гашта монанди чаман.

Ҷилвагар гардида аз боди саҳар,
Хӯшаи пурбори гандум ҳар тараф,
Бо забони ҳол гӯяд: «Зудтар
Деҳқон, ғундор акнун беталаф.

Баҳри ҷамъовараданам, эй ғаллакор,
Ҳар нафас, ҳар лаҳза ҳозир қимат аст,
Саъй кун, корат биёбад то барор,
Вақти суръат, вақти ғайрат, ҳиммат аст».

Қор кун боғайратона рӯзу шаб,
Нақшаи гандумдеҳӣ иҷро шавад,
Гардад анбори умумӣ лаб ба лаб,
Зиндагонӣ боз ҳам зебо шавад.

*Августи соли 1947*

# БА ТУ МО ҚОИЛЕМ

Ба ту мо қоилем, эй пахтакори тоҷикистонӣ,
Ту чашми кори пурмаҳсули худро нағз медонӣ.

Барои пахтаи бисьёр кардӣ меҳнати бисьёр,
Нишон додӣ далериҳои бемонандро дар кор.

Чу бар фарзанд бастӣ меҳри худ бар ҳар ниҳоли худ,
Фузунтар кардӣ рӯз аз рӯз саъйи худ, ҷидоли худ

Қаландаш кардӣ, обутоб додӣ, шона бандондӣ,
Наоромидию кӯрак кунондию шукуфондӣ.

Намоён: ҳосили имсола аз порина афзун аст,
Зи ҳисси сарбаландӣ, фатҳи нав, рӯи ту гулгун аст.

Вафо бар аҳд кардан — хислати хос аст бар моҳо,
Супоришро ту бешак менамоӣ барзиёд иҷро.

Вале шарти асосӣ ҳозир ин тезондани кор аст,
Зимистон дар қафои дар,
ба саҳро пахта бисьёр аст.

Кунун фурсат ғанимат ҳосилатро тезтар ғундор,
Ба зери барфу борон як паға ҳам пахтаро нагзор!

Ту қадри пахтаро бе гуфти ман ҳам хуб медонӣ,
Ба халқи мамлакат пӯшои нав охир ту пӯшондӣ.

Вафо бар аҳд бинмою супоришро зуд иҷро кун,
Ба иди Тоҷикистон тӯҳфаи худро муҳайё кун.

Азизам, тезтар чин ҳосили саҳрои колхозӣ,
Халоиқ офарин гӯяд, Ватан аз ту шавад розӣ.

*Октябри соли 1949*

## МАРҲАБО, БАҲОР!

Турна меояд қатор андар қатор,
Муждагонӣ мерасонад аз баҳор,
Соф, равшан, беғубор аст осмон,
Чун дили халқи далери ин диёр.
Офтоби оламоро гарм-гарм,
Нури худро мекунад ҳар сӯ нисор,
Бо лаби ҷӯ шуд баробар оби соф,
Нағмапардозӣ намояд обшор.
Майсаву себарга мерӯяд зи хок,
Чорпоҳо мечарад дар кӯҳсор.

* * *

Субҳдам омад ба саҳро духтаре
Ҷомаи корӣ ба тан, мошинсавор.
Қадди боло, рӯи зебо дошт ӯ,
Қокули шабрангу чашмони хумор.
Ҳусни бо меҳнат қаринаш дилрабо,
Ғайрати мардонааш афсонавор.
Рӯйгардон менамуд ӯ хокро,
Майда-майда карда онро сурмавор.
Турфа оҳанге тараннум менамуд:
— Марҳабо,— мегуфт,— эй зебо баҳор!
Ин чи гап? Охир чаро дер омадӣ?
Чашми моён шуд ба роҳат интизор.

Гарчи ту дер омадӣ, шер омадӣ!
Ёрмандӣ деҳ ба кори пахтакор.
Пахта-ин пӯшоки гарми ҳалқи мост,
Пахта ҳам дар ҷанг меояд ба кор.
Ёри ман имрӯз дар майдони ҷанг
Душманонро менамояд торумор.
Пахтаи мо хам силоҳи ғолибист,
Ман аз ин, албатта, дорам ифтихор.
Ҷумла хислатҳои хуби хешро
Як ба як дар назди мо кун ошкор.
Нури худро бар сари мо рез-рез,
Пур намо аз об наҳру ҷӯйбор.
Ҳар ниҳоли пахтаро ҳамроҳи мо,
Парвару сабзону бинмо сербор.
Ҳосиле чандон бигирем аз замин
Мисли он нодида бошад рӯгзор.
Офарин гӯянд, мардум офарин,
Офарин, эй пахтакори номдор!

*Марти соли 1945*

## БАҲОРИ БОЛЬШЕВИКӢ

Баҳори боназокат ғунчаҳоро дар чаман во кард,
Аҷоиб манзари хушбаҳр дар гулзор пайдо кард.
Ба кӯҳу дашт фарши махмалин бикшод сар то по,
Дарахтонро арӯси нав барин ороcт, зебо кард.
«Қанори оби Рукнободу гулгашти Мусалло»-рашк
Ба соҳилҳои Сири нуқраоби гулшаноро кард.
Тамошои гули шафтолу, олу, себу зардолу
Чу булбул боғбононро ба худ мафтуну шайдо кард.
Чу шавқи пахтакорӣ хобро аз чашми деҳқон бурд,
Саҳаргоҳон ба азми тозае рӯ сӯи саҳро кард.
Барои пахтаи аълосифат, бисьёри имсола,
Ба шудгору ба киштан ғайрати бемислу ҳамто кард.
Тамоми рӯз меҳнат мекунад фикру хаёлаш ин,
Ки бояд мамлакатро боз ҳам машҳури дуньё кард.
Вай аз ин меҳнати озоду роҳатбахш меболад,
Ки ӯро хурраму хушбахту озоду тавоно кард.
Баҳори бехазони мулки мо зебоие дорад,
Ки онро метавон сар то сари олам таманно кард.

*Апрели соли 1950*

# ХУШНУДУ ХАНДОН ШУД

(*суруд*)

Саҳар чун меҳри ховар шӯълавар бар кӯҳсорон шуд,
Нигори пахтачинам ҷониби саҳро хиромон шуд.

Насим аз рӯи шодӣ шона мезад зулфи печонро,
Зи ҳар як печу тобаш мушк дар гулшан парешон шуд.

Гул омад сӯи гулзори советию табассум кард,
Ба шодӣ ғунчаҳои лолаи мисрӣ шукуфон шуд.

Аҷаб чевар бувад ин духтари озоди колхозӣ,
Зи ҳар як рафтуояш пахта дар хирман фаровон шуд.

Араҳ аз рӯю мӯи анбарафшонаш падид омад,
Гумон кардам саҳар шабнам ба рӯи гул дурахшон шуд.

Хабар доданд ӯро шод бош, эй номвардухтар,
Ба Москав меравӣ, ӯ як ҷаҳон хушнуду хандон шуд.

*Соли 1948*

## ЗЕБАД АКНУН НОМИ „ТИРОЗИ ҶАҲОН“

Аз қадимайём атрофи Хуҷанд,
Меваҷоте дошт дуньёро писанд.
Номи ӯ гардида «Тирози ҷаҳон»,
Боғҳояш буд зеби гулситон.
Лекин аз он неъмати шаҳду шакар,
Синфи доро буд танҳо баҳравар.
Ашки ҳасрат халқро чун чашма буд,
Дар лаби дарьёву аммо ташна буд!..

* * *

Шуд дигар аз мӯъҷизоти Октябрь,
Давру даврон аз бароти Октябрь!
Боғ ҳам ҷоҳу ҷалоли халқ шуд,
Меваҷоташ молу ҳоли халқ шуд.
Себу зардолуву ангуру анор,
Шуд фузун чун ҳосилоти пахтазор.
Ҳар як аз анҷиру олую биҳӣ,
Мекунад мафтун, ба рӯи каф ниҳӣ!
Шӯҳрате дорад кунун лимӯи мо,
Чун гули садбарг аҷаб хушбӯи мо.
Қоқи қандак лаззату таъми асал
Дораду зардолуобаш бебадал.
Зеби дастархони мардум шуд ҳама,
Хуш ҳузури ҷони мардум шуд ҳама.

Синабирьён даштҳо ҳам боғ шуд,
Сабзу хуррам дилрабо чун роғ шуд.
Боғҳои соҳили Сирро нигар,
Дорад он ранги дигар, бӯи дигар!
Водию шаҳри Ленинро ин замон
Зебад акнун номи «Тирози ҷаҳон».

# АШЪОРИ „ТИЛЛОИ САФЕД“

Мешавад ҳар дам фузун хирвори «тиллои сафед»,
Чун ҳамеша гарм аҷаб «бозори» «тиллои сафед».
Мӯъҷизоти одами озод — «киштии кабуд»,
Кард осон чидани душвори «тиллои сафед».
Дилбару Хайрӣ, Шарифу Ёрбеки номдор,
Медиҳад ҳар лаҳза авҷи кори «тиллои сафед».
Мефароянд пахта пай дар пай чу оби обшор
Ҳар нафас аз бордоне бори «тиллои сафед».
Чун қатори роҳи оҳан корвонҳо медаванд
Корвони пахта, бар анбори «тиллои сафед».
Хобро аз чашми деҳқон бурд ишқи пахтазор,
Ӯ кунун шаб то саҳар бедори «тиллои сафед».
Қандиле ҳар як ниҳолу лампае ҳар як паға
Чашмҳоро мебаранд анвори «тиллои сафед».
Сарвати беинтиҳою ифтихори халқи мост,
Мамлакат ҳам сар ба сар хушдори «тиллои сафед».
Қавли мо ин аст: бо сидқу сафо ҷамъ оварем,
То ба охир ҳосили бисьёри «тиллои сафед».
То ба васфи пахтазорон, ҳофизо, хонӣ суруд,
Бар қалам орад Раҳим ашъори «Тиллои сафед».

*Сентябри с. 1976*

# МУРҒИ УММЕД БА ДОМ ОМАДААСТ

*(Ба офарандагони канали калони Фарғона бахшида шудааст)*

Сири сероб ба ром омадааст,
Мурғи уммед ба дом омадааст.
Қонибодому Наву шаҳри Ленин
Ба сари кор тамом омадааст.
Мардуми Исфараву Шаҳристон,
Ҳамагӣ ном ба ном омадааст.
Одамон доди замин бишниданд,
Ғайрат ин дам ба қиём омадааст.
Орзуи башар омад ба амал,
Моҳи мо бар лаби бом омадааст.
Мешавад дашту биёбон сероб.
Аз сари наҳр паём омадааст.
Товус аз ин хабари тозаву нав,
Шод гашта ба хиром омадааст.
Чаҳ-чаҳи булбули озод шунав,
Ба чаман зеби мудом омадааст.
Офарин гуфта ба ин суръату саъй
Аз Кремль салом омадааст.
Шод бош эй Ватани бахти башар,
Сири сероб ба ром омадааст.

*Январи соли 1940*

## БАЪДИ БОРОН

Реза-реза мечакад борони абри навбаҳор,
Муждагонӣ медиҳад аз ҳосилоти киштукор.
Ҳар як аз ин қатра — як дурдонаи қиматбаҳост,
Қ-аз сари саҳрои колхозии мо бошад нисор.
Маънии борон ҳамин,— мегуфт деҳқон бо писар,—
Бор-он яъне, ки бор орад ба халқи ин диёр.
Чун саҳаргаҳ баъди борони баҳорӣ офтоб
Мезанад байроқи сурхашро ба фарқи кӯҳсор,
Он замон саҳро раву бингар чи сон зебо бувад
Домани дашту дарахтон, майсаву себаргазор!
Мекунад мафтун ба худ зебоии боғу чаман,
Рӯҳ мебахшад ба инсон, нағмаҳои обшор.
Ғунчаи гулҳои худрӯ гашта хандон ҳар тараф,
Масти мустағрақ, сарояд васфи онҳоро ҳазор.
Вақти ғайрат, фурсати ҳиммат бувад ҷони падар,
Бармаҳал корӣ, бигирӣ ҳосилоти бешумор.
Мамлакат аз пахтаву аз ғалла то таъмин шавад,
То тавонӣ, хуб кору зуд кору бешумор.
Бор, эй борон, ба дашту кӯҳсори мамлакат,
Киштукори деҳқонони Ватан ёбад барор.

*Соли 1947*

## САРГУЗАШТИ СИР

Асрҳои аср ин сӯ буд ҷорӣ оби Сир,
Дар назар орому лекин шӯху якрав дар замир,
На ба майдони Муқимӣ, на ба боғоти Асир,
На ба дашти Ҷамбули дармондаи бедастгир,

На ба шаҳру на ба саҳрову биёбону деҳот,
Дар раҳи дуру дарози худ намекард илтифот.

Чун дамодам оби ӯ туғьён намуда медамид,
Қаф ба лаб девонаворона ба ҳар сӯ медавид,
Ҳам зироат, ҳам заминҳоро ба қаъраш мекашид,
Аз ду чашми деҳқон хуноби ҳасрат мечакид.

Ҳар садо аз соҳил ояд, нолаву фарьёд буд,
Нолаи бечорагон, фарьёди беимдод буд.

Дар лаби дарьёву аммо ташналаб буд одамӣ,
Дар умеди як намӣ буд чашми мардумро намӣ.
Рӯи серобӣ куҷо медид сероби камӣ?
Дур мешуд, кай ғами об аз дили деҳқон даме!

Сири саркаш як нигоҳ аммо ба берӯзӣ надошт,
Сангдил ҳам буд,
ба ҳоли ташна дилсӯзӣ надошт.

Ленини аъзам назар афканд чун бар кӯҳсор,
Дид водиҳои хушку рудҳои бешумор.
Ҷилвагар бинмуд пеши чашм фардои диёр,
Шуд намоёнаш гулистони базеб афсонавор,

Нақшаи ояндаи ин сарзаминҳоро кашид,
Чун навиде нақшаи доҳӣ ба халқи мо расид.

Бар сари дарьёи Сир ҳам большевикон омаданд,
Қаҳрамонони дигаргунсози даврон омаданд.
Хушклаб соҳил нидо медод «Онон омаданд!
Бар тани берӯҳ чун ҷон омаданд,
ҷон омаданд!»

Дар вуҷуди наҳр ногаҳ ларзаи сахте давид,
Ваҳм дар дил шуд падид,
ангушти ҳайратро газид.

Рому таслими чунин обе вале осон набуд,
Бахри маҳви банду садд сад бор шӯриш менамуд.
Меҷаҳиду мехурӯшиду фишораш мефузуд,
Сар ба сангу оҳану пӯлод зад, аммо чи суд?

Мардуми бебоки аз ҳар миллату як хонадон
Рӯдро карданд дохил бар раҳи дилхоҳашон.

Паҳн шуд анҳору ҷӯбори зиёде дар Ватан,
Қад-қади дарьёи Сир ҳамчун раги хуни бадан,
Дашти холӣ гашт саҳрову биёбонҳо — чаман,
Шоирон гӯянд дар авсофи он ширин сухан.

Наҳри ноқобил мулоим шуд, аҷоиб гапдаро,
По намемонад бурун ҳаргиз кунун аз хатти мо.

Аз каналҳо, ҷӯйборон гашта ҷорӣ бемалол,
Зиндагиро медиҳад зинат чунин оби зулол.
Пахтазори мо шукуфон, нур дар ҷоҳу ҷалол,
Сабзу хуррам боғу роғи зиндагии безавол.

Сарзамини ӯзбеку қирғиз, казоқу тоҷикон
Шуд чароғғистону боғистону зебо бӯстон.

Баъди «Фарҳод»-и ба мақсудаш расида, дар Хуҷанд,
«Дӯстии халқҳо» — ГЕС-и наве шуд шӯҳраманд.
Медиҳад анвори худро то ба шаҳри Тошканд.
Ҳам зироат, ҳам саноатро аз ӯ ҳосил баланд.

Чун Днепру Дону Волга, Ангара, Омую Вахш,
Руди Сир ҳам бо саховат шуда ба ҳар ҷо нурбахш.

Баҳри дилро мекушояд «Баҳри тоҷик»-ро бубин,
Аз насиме медавад дар рӯи он мавҷи маҳин,
Дар канори он нишаста дилбаре нозофарин,
Месарояд достони дасту бозуи матин.

Дасти пурқудрат, ки Сайҳунро ба худ бинмуд ром,
Қори пуршаъну шарафро медиҳад ҳоло давом.

*Соли 1959*

# ШАБИ ШАҲРИ ЛАБИ БАҲР

Бевақтии шаб хамӯш шуд шаҳр,
Бархост вале таронаи баҳр.
Мавҷ аз паси мавҷ мехурӯшид,
То рафт ба авҷ мехурӯшид.
Печида, хамидаву ҷаҳида,
Бо шаст давидаву дамида.
Мезад ба канору пош мехӯрд,
Сад зарба аз ин талош мехӯрд,
Мерафт, валек боз мегашт,
Омодаи тохту тоз мегашт.

* * *

Наздики саҳар чу орамид об,
Шуд шӯълафикан ба баҳр маҳтоб.
Моҳ аз рухи об шуд намоён,
Чун манқали оташи фурӯзон.
Густурд чароғи осмон боз
Заррина ба об пойандоз.
Аз сӯи само галаситора
Мекард ба акси худ назора.
Марҷони чароғҳои соҳил
Бар гардани баҳр шуд ҳамоил.
Чун гашт вазон насими форам
Оварда таровате дамодам,

Пайдо шуда чинҳо лапиданд,
Рӯ-рӯяки об ҳам давиданд.

* * *

Хомӯш тамоми гирду атроф,
Ором ҳама зи қоф то қоф.
Мардум ҳама масти хоби ширин,
Буданд, ба ҷуз ду тан валекин,
Ду тан бинишаста дар лаби баҳр
Бедор чу бониёни ин шаҳр.
Ду қалби пуризтиробу пурҷӯш,
Осуда вале ба чашм, хомӯш.
Ногоҳ, сукутро бурида,
Як оҳи ба дард шуд шунида,
Пас, сар шуда рафт гуфтугӯҳо,
Баҳсу гила, орзу тавалло:
— Хуллас, ки ту меравӣ ба Норак?
— Оё ту намеравӣ, Муборак?
— Ман кай ба ту ваъда кардам Анвар?
— Ин ҳазлу мазоҳ нест дигар.
Дар сохтмони ГЕС-и Норак
Мӯҳтоҷи бетонгаранд бешак.
Ҷонам, ману ту бетонгарастем,
Гулдаст ба касби хеш ҳастем.
Шаън аст ба авҷи кор будан,
Шарм аст ба як канор будан.
— Исто ту! — хитоб кард духтар,
Ташвиқгарӣ ва ё бетонгар?...
Ин ҷумла наход ман надонам?
— Пас чист сабаб, бигӯй ҷонам?

— Аз бахри ману ту дар ҳамин ҷо,
Қори худамон кам аст оё?
Ин ГЕС-и бузургу «Баҳри тоҷик»
Мафтункунанда шаҳри тоҷик,
Ин қасру клубу хонаву ҷой,
Он мактабу боғи рӯҳафзой,
Ин стадиону он хиёбон
Гулзори аҷоибу дарахтон,
Бингар ту, чигуна дилфиребанд!
Озодаву мӯҳташам, базебанд...
Карда ҳамаро бинову ҳозир
Монему чаро равем, охир?
Анвар бинамуд хуш табассум,
Лаб боз намуд бар такаллум:
— Ҳар соҳиби кору касбу пеша,
Як орзу парварад ҳамеша.
Як хоҳишам ин, ки чун бинокор
Дар кори азиму сахту душвор,
Ширкат бикунам ба ҷидду ҷаҳде,
Иҷро бикунам, чу кардам аҳде.
Эй ёри азиз, ҷони ширин,
Дорад чи аҷиб нашъае ин!
З-ин рӯст, ки дилбарам Муборак,
Афтод ба сар ҳавои Норак.
Лекин ба ту боз гуфта монам,
Бе ту қадаме бурун намонам.
Рафтем, азизи ман, ба он ҷо,
То ГЕС-и дигар кунем барпо.
Ин дафъа ба ҷои баҳс духтар
Сарро бинихӯд китфи Анвар.

* * *

Лаппида дар об моҳ хандид,
Чашмак зада Зӯҳра низ завқид.
Боди саҳарӣ маҳину секин
Зад шона ба зулфи атрогин.
Оби лаби баҳр роз мегуфт
Афсонаи бас дароз мегуфт...

## БА ШАҲРИ ДУШАНБЕ

Салом, эй пойтахти кишвари ман шаҳри навбуньёд!
Мисоли бемисоли муъҷизоти мардуми озод.
Салом, аз Сири серобу Муғули манбаи маъдан,
Салом аз шаҳри Ленин манзили боифтихори ман!
Чу мурғи тезпарвозам зи байни абру фарқи кӯҳ,
Гузар мекард ҳамчун барқ ҳар дам тоза мешуд рӯҳ,
Ки баъд аз фурсате дидори зебои ту мебинам,
Ба чашмонам гули мақсуд аз рӯи ту мечинам.
Ленин чун дасти шафқатро ба фарқи тоҷикон бинҳод,
Чу халқи руси аъзам ҳам ба онҳо дасти ёрӣ дод,
Ба олам омадӣ чун шаҳри дуньёи наву озод,
Ба зебоӣ базебу, сабзу хуррам, обшор обод,
Бузургӣ, ҳайратангезии ту аз ӣн ҳамебошад,
Ки Москав рӯзу шабҳо бар сари ту нур мепошад.
Сарафрозӣ куну гул-гул шукуф, эй хонаи бахтам,
Шукӯҳу шаъну зӯру иқтидору пояи тахтам!

*Соли 1947*

## РӮҲИ ТОЗА ДАМИД

Баҳор, фасли ҷавонии сол меояд,
Ба дашту кӯҳ чи ҳусну ҷамол меояд!
Вале шифокада ҷои ман асту бетобам,
Даруни тасфу таби дарди сахт мехобам.
Ду симчӯб, ду тиреза, новаи як бом,
Тамоми манзара аз бистарам ҳамину тамом.

* * *

Галина, духтараки дӯстрӯй, навбатдор,
Ба назди ман ба худ овард заррае зи баҳор:
Ба даст дошт гулеву ду шохаи савсан,
Чу як нишони баҳорон, аломат аз гулшан.
Гирифта барге аз он гул ба чашм молидам,
Ҳузур кардаму хурсанду шод болидам.
Баҳор — умри ҷавонӣ ба ёди ман бирасид,
Ба ҷисми сӯхта аз дард рӯҳи тоза дамид.

*Киев, соли 1959*

# НАСИМИ СИР

Номае чун аз Шумо бар ман расид,
Ашки хушнудӣ зи чашмонам чакид.
Гӯиё аз ҷониби дарьёи Сир
Як насими ҷонфазо ин сӯ вазид.

*Қиев, с. 1959*

# ЛЕНИНОБОДАМ

Салом эй нури чашмам, ошьёнам, Ленинободам!
Базебу дилнишинам, бӯстонам, Ленинободам.
Қушо оғуши гарми худ маконам, Ленинободам,
Ки ғолиб омадам аз ҷанг, ҷонам, Ленинободам.
Шунав як лаҳзае шарҳу баёнам, Ленинободам.

Ба майдон баҳри ҳифзи мамлакат рафта зафар кардем,
Қушуни хасми бадандешро зеру забар кардем.
Фашисти зишт ҷаннат хост ҷояшро сақар кардем,
Ливои фатҳро бар боми Берлин ҷилвагар кардем,
Муборакбод кун соҳибнишонам, Ленинободам.

Ба сардории халқи аъзами пуриқтидори рус,
Латишу украину тоҷику тотору белорус,
Тамоми ҳалқи мо бархост зидди душмани манҳус,
Далерона ҳимоят кард шаъну шӯҳрату номус,
Чи хуш ман ҳам яке аз он миёнам, Ленинободам.

Агарчанде, ки чанде дур будам аз лаби Сайҳун,
Миёни дуду оташ гаштаму дар байни хоку хун,
Нашуд як лаҳза боғи дилкушот аз хотирам берун,
Ба ёд овардамат ҳар дам,
аз ин шуд қувватам афзун.
Азизам, ҳамчу модар меҳрубонам, Ленинободам.

Ба мо дар ҷанг аз майдону боғат тӯҳфаҳо омад,
Шаробу меваҷоти хушку тар беинтиҳо омад,
Ба дастархонамон ороиши фарҳатфазо омад,
Ба худ болидаму гуфтам, ки ин аз шаҳри мо омад,
Фидои номи некат бод ҷонам, Ленинободам.

Ба чашмам менамояд ҳамчу оташ гарм рухсорат,
Машомамро муаттар мекунад гулҳон гулзорат,
Ба худ мафтун кунад бинандаро боғоти пурборат,
Чи хушбахтӣ, ки бозам дида равшан шуд ба дидорат!
Нагардад сери дидаи дидагонам, Ленинободам.

Ҳамеша кавкаби иқболи инсон аз Кремли дур
Ба саҳни бӯстонҳои навободи ту бахшад нур,
Ба ҳар як дидани рӯят шавам бори дигар масрур,
Ба олам нозу неъматҳои хуштаъмат бувад машҳур.
Арӯси даҳр, тирози ҷаҳонам, Ленинободам.

*Соли 1945*

# ХУДПИСАНДИ МО НАЗАРНОГИР ШУД

Солҳои сол ин сӯ дар Хуҷанд
Як маноре буд аз ҳад худписанд.
Лоф мезад:
«Аз ҳама болотарам,
Аз чинору қалъаю аз ӯрда ҳам!
Ин тараф талл, он тараф дарьёи Сир
Кулбаҳову кӯчаҳои шаҳри пир,
Зери поям ҷумла пасту оҷизанд,
Майдаву беобурангу нописанд.
Одамон?
Пеши назар монанди мӯр,
Кулбаи онҳо?
Саросар ҳамчу гӯр.
Мешавад ин шаҳр бозам пиртар,
Лек ман ҳаргиз намегардам дигар.
Реша сангу хишти пухта пайкарам,
Пас маро аз сардиву гармӣ чӣ ғам?
По ба моҳӣ мерасонам, сар ба моҳ,
Посбоносо кунам ҳар сӯ нигоҳ.
Худ, маро одам, агарчанде, ки сохт,
Сарбаландиро ба ман як умр бохт.
Сарбаландам,
Сарбаландам. Сарбаланд
Андарин шаҳри қадимии Хуҷанд!

... Лек рӯзе ин манори пурғурур
Дид мӯрии баландеро зи дур.
Баъди чанде боз аз самти дигар
Дудбарои ғафстар бардошт сар.
Боз боре як бинои мӯҳташам
Савлати мағрурро бинмуд кам
Булаҷаб, чанде нарафта аз миён
Шаҳр шуд пур аз биноҳои калон.
Номи Ленин рӯҳи онро тоза кард,
Шӯҳраташро беҳаду андоза кард.
Дар миёни дасту по, аммо манор
Нест шуд гӯёву монд аз эътибор,
На кунун сӯфӣ аз он гӯяд азон,
На тамошогар қадам монад бар он.
На касе дар пояаш хонад намоз
Оварад ин ҷо касе назру ниёз.
Худписанди мо назарногир шуд,
Навҷавон шуд шаҳру лек ӯ пир шуд.
Ҳар чи бошад ҳам, валекин ин манор
Аз гузашта баҳри мо як ёдгор.

*1972*

# СОЛИ НАВ

Шаб, ними шабӣ, соли куҳан рафту нав омад,
Соли нави пуршӯҳрату пуршаън даромад.
Чун соли куҳан рафт ба сад шодию хандон,
Хурсанд шавад соли нав албатта, зи моён.
Ҳар соли нави мо зафари тоза биёрад,
Ҳар соати он шӯҳрату овоза биёрад!

*Январи соли 1949*

# МАРДИ ФАЛАКГАРД

*(Ба А. Леонов)*

Таҳсин намояд кураи арз ба як мард,
Марде, ки гирифтаст кунун номи фалакгард.
По мондани одам ба фалак буд хаёле,
Ин марди советист, ки онро амалӣ кард.

# МАЛАК БАР ФАЛАК

Турфа гӯл аст то ҳанӯз агар
Ба чунин ҳарза кас кунад бовар,
Қ-аз фалак бар замин малак гӯё
Ояду ноаён барои мо.
Аз замин бар фалак малак бупарид,
Ҷониби маҳ кушода роҳи сафед,
Малаки мулкамон Валентина,
Ифтихори замон Валентина,
Духтари бошаҳомати бебок,
Шӯҳрати зан расонд бар афлок.

# АСАРАМ

*(Пайравӣ ба Р. Ованесян)*

Асарам! Кардамат эҷод ба ин азму умед
Ҷониби мардуми олам раҳи ту бод сафед.
Чун ситоишгари партия, саногӯи Ленин
Ҳомии дӯстии халқи ҷаҳон, душмани кин,
Гарм чун лахчаву амсоли муҳаббат пурҷӯш
Наҳрсон ғулғулаандозу пурамвоҷу хурӯш,
Осмонбӯс чу кӯҳсори Бадахшон бошӣ,
Мисли алмос дурахшандаю тобон бошӣ.
Ёри аз ёр дурафтодаву ҳамроҳи ғариб
Ба ятимону асирони ситамдида ҳабиб,
Доруи дард шавию ба ҷароҳат марҳам,
Бинамоӣ ғами ҳар шахси мусибатзада кам.
Дасти афтодаю дармонда бигирӣ филфавр,
Додрас бошиву бахшанда халосӣ аз ҷавр.
Мухтасар ҳамчу дар афсона ба монанди Хизир
Мушкил осон бинамоию биёбӣ тадбир.
Баъди ин, эй асарам, аз ту ризо хоҳам буд
Ба ту ҳамвора мададгори нав орам ба вуҷуд.

*С. 1970*

# ҚАТРАИ ШАБНАМ ВА ОФТОБ

Чун гиребони шаб тамом дарид,
Субҳи гулфоми навбаҳор дамид.
Қатраи шабнаме зи партави меҳр,
Ҳамчу якдона гавҳаре рахшид.

Гуфт: «Эй ховарӣ, ту фахр макун.
Ки ҳама равшанист аз хуршед!
Мо ҳам ин ҷой нур мепошем,
Ба ҷаҳон омадем бо уммед!»..

Меҳр хандиду рӯй пинҳон кард,
Аз паси субҳ аҷаб, ки шаб бирасид.
Қатраи шабнаме, ки дошт ғурур,
Нест шуд гӯиё, замин кашид.

«Эй ту мағрур!» — гуфту рӯй кушод —
Меҳр хандид, аз он ҷаҳон хандид.

*Феврали 1974*

# НАВИСАНДА

Нависанда чу маҳбуби халоиқ шуд, намемирад,
Асарҳояш ба тоқе ё рафе гарде намегирад.
Ба кохи илми мавзун мегузорад баски хишти худ,
Ба ин кори нақибе менависад сарнавишти худ.
Зи бас ӯро ба завқу эҳтироми том мехонанд,
Ба байни хеш ӯро то абад ҳам зинда медонанд.
Нависанда ба занбӯри асал монад, ки бо сад чаҳд
Гули хушбӯй меҷӯяд, ки то орад ба мардум шаҳд.
Чу шоир аз барои сохтан чун шамъ месӯзад,
Ба ин ӯ хонаи дилҳои мардумро бияфрӯзад.
Фазои қофия гарчанд бепоёну рангоранг,
Вале, дар ҷустанаш,— мегуфт Ҷомӣ, мешавам ман танг.
Камол аз баҳри маънӣ дар ба дар ҳамчун гадое буд,
Вале чун хӯшачине рафта-рафта марди деҳқон шуд.
«Ғазал мегуфту дурр месуфт Ҳофиз-шоири Шероз».
Чи хун мехӯрд гардад ҳуққаи рози ниҳонӣ боз!

Ба мо Октябрь даврони наву илҳоми нав ҳам дод,
Ки кохи илми мавзунро кунем аз нав ҳама буньёд.
Китоби мо, хитоби мо ба ҳар ҷо гашт оламгир,
Ба худ раҳ ёфт сӯи қалби беҳадди ҷавону пир.
Ба ҷӯшовар суруду қиссаи хонандагон гардид,
Бисоти пурбаҳои келину домодамон гардид.
Санохони Ватан, партияи Ленини аъзам шуд,

Чу вассофи амонӣ, дӯстӣ машҳури олам шуд.
Ба ду-се байти ғарро, эй ҷигарбандам, машав мағрур,
Фурӯтан бошу пурдон ин ки мардумро шавӣ манзур.
Ту бояд то тавонӣ, нуктаи ногуфтаро гӯӣ,
Қашӣ ранҷу тааб, аммо раҳи норафтаро пӯӣ,
Ту бояд чун ҳабиби халқ байни мардумон бошӣ,
Ба мазраъҳои дил тухми муҳаббат, дӯстӣ пошӣ.
Чи хуштолеъ бувад, он, ки заковат, ақлу истеъдод
Чу донишманди олиҳиммате бар халқи дуньё дод!
Нависанда чу маҳбуби халоиқ шуд, намемирад,
Асарҳояш ба тоқе ё рафе гарде намегирад.

*Соли 1974*

# МОДАР ВА ҲУРУФЧИНДУХТАР

— Ин қадар бевақт мондӣ духтарам?
Даргузар шуд сад хаёлот аз сарам,
Дер монӣ, меравад аз чашм хоб,
Аз танам ҳам меравад гӯё, ки тоб.
Кӯча хилват, ман хавотир мешавам,
Дар сари роҳи ту ҳозир мешавам.
Хонаи меҳр аст қалби модарон,
Меҳр бе ташвиш кай бошад дар он?

Аксари шабҳо ҳамин аҳвол буд
Ҳамраҳӣ дар роҳ модар менамуд.
Духтараш мегуфт:
— Эй, ҷон, модарам!
Нури чашмони ману тоҷи сарам.
Меҳри ту ҳамто надорад дар ҷаҳон,
Меҳрубонӣ, меҳрубонӣ, меҳрубон!
Лек худ донӣ, ки кори ман дигар,
Ихтисосу ихтиёри ман дигар.
Ман газета мебарорам, фаҳм кун,
Менамоям паҳн ҳар илму фунун:
Гуфтаҳои партия, Ленинро,
Достонҳои басе ширинро,
Нақлҳо аз пешоянди Ватан,
Аз саноат, аз зироат в-аз чаман.

Мерасонам ман ба мардум ҳар саҳар,
Муждаҳои нав паёпай хушхабар.

Баъди ин модар табассум менамуд,
Бо виқорона такаллум менамуд:
— Хайр, духтарҷон, шавад умрат дароз,
Қор кун бар нафъи мардум боз-боз!

*Соли 1939*

## ШАМШЕРИ ПАДАР

Рав ба ҷанги беамон, эй нури чашмони падар,
Рав ба зидди душмани қаттоли авлоди башар.
Медиҳам шамшери буррое ба дасти худ бигир,
Лек шарт ин аст, ки албатта бинмоӣ зафар.
Ёд дорам, ман ба ин шамшер чандин борҳо
Рахна кардам ҳалқаҳои душманони ҳилагар.
Ном додам ман ба ин шамшери худ «Алмосдам».
Оре, ин монанди алмос аст, з-он ҳам тезтар.
Дасти фошистон ба сӯи молу ҷонам шуд дароз,
Рав, чудо бинмо сарашро аз тани тороҷгар.
Ту дар он ҷо зан ба фарқи хасми бадандеши мо,
Ман дар ин ҷо сахт мекӯбам ба сандон бештар.
Ҳамчу Восеъ паҳлавонона ба майдон ҷанг кун,
Чун Чапаев бош нотарсу далери номвар.
Лозим ояд, нури чашмонам, ба ёрӣ меравам,
Мон, ки бинад душман он дам кори фарзанду падар!

*Июли соли 1941*

## МАКТУБИ МОДАР

Писарҷон, меҳрубон фарзанди модар,
Далеру дилбару дилбанди модар!
Сабои субҳдам аз сӯи Маскав
Ба ман овард ин сон муждаи нав,
Ки ту имрӯз бо тезии чун барқ,
Паридӣ рӯ ба Ғарб аз ҷониби Шарқ.
Ҳар он каргас, ки монеъ шуд ба роҳат,
Ҳамон дам гашт побанди ҳалокат.
Талотумҳои тир омад ба сӯят
Нашуд хам з-он ҳама як тори мӯят.
Зи бомби бомбаандозат ба майдон,
Ба ҳар сӯ гашт тӯбу танк яксон.
Ба монанди уқоби тезпарвоз
Расидӣ то ба мулки хештан боз.
Нишон додӣ, ки лочини советӣ
Аз ин рӯ шуҳрате дорад ба гетӣ.
Шунидам ин хабар аз радио ман,
Шукуфтам чун гули раънои гулшан.
Писарҷон, ман аз ин дар ифтихорам,
Ки чун шери жаён фарзанд дорам.
Қасам бар ҷонат, эй ҷон, мекунам ёд,
Маро аз ҳад фузун кардӣ ту дилшод.
Умеду орзӯям ҳам ҳамин буд,
Ризо ҳастам ба шири додаи худ.

Пас аз ин ҳам азизи ман ҳунар кун,
Ба бешармони фошистӣ зафар кун.
Зафар кун то вуҷуди Гитлери шум
Шавад аз рӯи олам доимӣ гум.

*Соли 1943*

# САРАТ АЗ САНГ ГАРДАД, МАРДИ МАЙДОН

Азизам, дина аз ту нома омад
Ба ҷисми пири ман қувват даромад.
Ман аз ин паҳлавонии ту хушнуд,
Ҳамин буд орзу ин буд мақсуд.
Вале, эй ҷони модар, беҳтар аз ман
Ту медонӣ, ки бадкин аст душман.
Ҳанӯз он хасми бадкирдори малъун
Заминро менамояд ғарқаи хун.
Ҳанӯз ӯ мекунад тороҷу толон,
Ҳазоронро намуда хонавайрон.
Ба сӯи ғалла, сӯи нефти Боку,
Ба ҳирсу гушначашмӣ мехазад ӯ.
Ҳанузам лолагун аст об дар Дон,
Зи оби чашми хунолуди инсон.
Асирафтодагон дар оҳу зоранд,
Ба роҳи омади ту интизоранд.
Аз ин рӯ, нури чашмам, шери модар,
Ба душман ҳамларо бинмо фузунтар.
Ҷавон ҳастӣ, намоиш деҳ ҷавонӣ,
Нишон деҳ бештар ту қаҳрамонӣ.
Агар хоҳӣ, ки мо озод бошем,
Саодатманду мулкобод бошем,
Агар ҳурмат кунӣ мӯи сафедам,
Ба пас магзор дигар як қадам ҳам.

Чу баҳри беканору садди оҳан
Бигир акнун, писарҷон, пеши душман.
Ба мисли Қова пироҳан алам кун,
Чу Рустам душманонатро қалам кун.
Ба зери чоҳ афкан чоҳканро
Намо озод хоки ин Ватанро.
Биё он дам зи рӯят бӯса гирам,
Бигӯям: «Офарин, миннатпазирам!
Ҳалолат бод ширам, эй писарҷон,
Сарат аз санг гардад, марди майдон».

*Сентябри соли 1942*

# НОМА БА НИГОР

Бишнав сухан эй дилбари ҷонона, нигорам,
Мактуби ту авроқи гули фасли баҳорам.
Пурсидаӣ аз фатҳу зафарҳои нави мо,
Ҳар сония афзун шуда дар ҳарб барорам.
Хуршедсифат меравам аз шарқ ба мағриб,
Чун соя гурезон бувад он хасми диёрам.
Бар халқи ҷафодидаву мазлуми сари роҳ
Озодӣ диҳам, ҷомаву нонаш бисупорам.
Ман аскари пуршӯҳрати ӯрдуи далерам,
Ҳар ҷо зафару фатҳ бувад мӯнису ёрам.
То Гитлери малъун наояд ба сари дор,
Дил раҳ надиҳад зарра ба орому қарорам,
В-он гаҳ биравам сӯи ту эй ёри вафодор,
Гирам қади дилҷуи туро хуш ба канорам.

*Соли 1944*

# БА ҲАМПЕШАГОН

*Ба М. Шолохов*

Ба қудрати қаламат қоилам нависанда!
Гаҳе ту гирья кунонӣ маро, гаҳе ханда.
Чу дӯст, ёр,
мураббию меҳрубон ҳамкор,
Навис, бош саломат ба бахти хонанда.

*Ба М. Турсунзода*

Муборак соли панҷоҳуми умрат,
мӯҳтарам Мирзо,
Рафиқи арҷманду шоири ширинкаломи мо!
Ба сар дорам ҳавои дидани садсолагет,
эй дӯст,
Намоям хизмати ҷашни бузургат то ба ҷон иҷро!

*Ба Ғ. Ғулом*

Эй рафиқи қадрдони ман Ғафур,
Орзуи мо ҳамин асло намур!
Тинмайин ёзгил совет халқи учун,
Партия гўяд сенга: қандингни ур!

*Ба М. Миршакар*

Аё ширинтакаллум Мири шаккар!
Азизам, дӯстам, бо ҷон баробар.
Муборак бодат ин шасти муборак!
Илоҳӣ боз бинӣ шасти дигар.

*Ба Б. Раҳимзода*

Дӯстам, Боқӣ муборак идатон!
Иди назми пуршукӯҳи тоҷикон!
Бо китоби ғафси ҳамчун ҷисми худ,
То ҷаҳон боқист, ту боқӣ бимон!

*Ба А. Деҳотӣ*

Гаҳ нависанда асту гаҳ шоир,
Гоҳ тарҷума, гаҳ кунад таҳрир.
Боз гӯянд кори кам кардӣ,
Як деҳотӣ чӣ ҳам кунад охир?!

*Ба Ҳ. Аскар*

Қалам гирад агар Аскар, бигӯед:
«Худоё, дар паноҳи худ нигаҳ дор!»
Ба як шиштан нависад даҳ ҳикоя,
Дар онҳо дона нею об бисьёр.

# ШЕЪРҲОИ ҲАЧВӢ

## *Маҷлиси бисьёр*

Дод аз дасти маҷлиси бисьёр!
Таҳ ба таҳ хоб мекунад ҳама кор,
Ҳозир аз маҷлис омадам, аммо
Боз бар маҷлисе равам даркор.
Шуд ҳамин дам тамом се маҷлис,
Чору ночор меравам ба чаҳор.
Маҷлисе буд дина рӯзи дароз,
То саҳар боз маҷлисе тайёр.
Шишта-шишта миёнғу шудаам,
Гашта-гашта зи пой рафт мадор.
Нутқу маърӯзаву музокираам,
Ба худо, сар ба сар ҳама такрор.
Гапқапак монда меқапам гапи нав,
Баъди як ҳафта мешавад абгор.
Ман қимоб аз садои телефонам,
В-аз хабарномаи қатор-қатор.
Дина шаб келиноятон саҳарӣ
Қард аз хоби ширинам бедор.
— Мардак, охир чи гап, чи шуд? — пурсид,
Ту ба ногаҳ нағаштай бемор?
Ҷоғи бисьёр мезанӣ дар хоб,
Аз манаҳ ростӣ, шудам безор,

Аз ягон маҷлисат бимонӣ ҳам,
Як ба пеши табиб рав зинҳор.
Гуфтам:
— Эй зан, дуруст мегӯӣ,
Менамудам қироате зи қарор.
Хайрият кардаӣ ту бедорам,
В-арна то рӯз мекашидам ҷор.
Қош кам мешуданд маҷлисҳо,
Мухтасар ҳам қарори нодаркор.
Вақти мардум нарафта беҳуда,
Қорамон мегирифт авҷу барор,
Маяковский ваҳ чи хуш мегуфт:
— «Маҷлиси хатми маҷлисон даркор».

*Соли 1961*

# БА М. АМИНЗОДА

Рафиқи ҷонии ман, мӯҳтарам Аминзода,
Замон туро-ку басе коғазу қалам дода,
Чи мешавад, ки нависӣ ду-се калима хате,
Ба ошнои қаринат, ки дур афтода.
Наход бехабарӣ ин, ки ҷураат бетоб?
Дароз хуфта ба чогаҳ мисоли як хода.
На кайфи чои кабуду на лаззати палаве,
На як назора ба рухсораи маҳи сода
Ба назди ман ба касе раҳ намедиҳад духтур
Агарчи зӯр занад ҳам Ивони Нехода,
Навис нома ба зудӣ, макун фаромӯшам,
Дуот мекунам охир ба пой истода.
Ба рӯи ҳавлии ту аз ҳаво арақ борад,
Шаванд ҳавзу хуму кӯзаат пури бода.
Ба ҷои об арақ хур, бишӯ ба май сару рӯ,
Либосҳот арақшӯ шаванду озода.
Ба дарди меъдаву дастат арақ шифо бахшад,
Дигар мабош ту мӯҳтоҷи чимдии сода.
Навис ҷӯраи ҷонӣ, фирист бо авиа
Вагарна мекафад аз зиқӣ ин дили содда.

*Киев, апрели соли 1959*

# ҶАВОБИ М. АМИНЗОДА

Салом, ҷўраи ҷонии дурафтода!
Шудаст бе ту тани банда қоқ чун хода.
Илоҳӣ, зуд сиҳат шав, ба Май расида биё,
Дуот мекунам охир ба пой истода.
Дили ту зиқ зи хуфтан, дили ман аз дурӣ,
Маро висол бубахшад туро шифо дода.
Дуо макун, ки баҳои арақ шавад арзон,
Намехўрад маи арзонбаҳо Аминзода.
Биё, ки сўҳбати деринаро давом диҳем,
Палавчаи Раҷабиро намуда омода.

# БА ШОИРИ ШАСТСОЛА

Рафиқи қадрдони ман, Муҳиддин,
Муборак бод шасти умри ширин.
Ба шастат омадӣ бо шасти афзун,
Наафтода ба шасте ҳеҷ, эмин.
Ҳаюловор гарчанде ба дидан,
Валекин чандирӣ гӯё, ки чармин.
Зи келинҳо накандӣ чашм ҳаргиз.
Агарчӣ кандаӣ аз дасти келин.
Агарчӣ қоматат андак хамидаст,
Намехамбад вале табъи ту аз ин.
Ба боғи табъи ту доим шукуфон
Гули бисьёр аз ашъори рангин.
Қимоб аз таънаҳоят танбалонанд,
Ба ту доранд бешак коҳилон кин.
Якеро ҳаҷви ту талх асту тунд аст,
Дигарро шаҳду шаккарвор лекин.
Ба ҳафтоду ду миллат тарҷумонӣ,
Ба тилмочи замон таҳсин-таҳсин!
Зи ту рӯҳи Навоӣ шоду масрур,
Мададгорат шуда арвоҳи Пушкин.
Агар уммеди ту садсола умр аст,
Дусад соли дигар бин умр, омин!

## БА ҲОҶӢ СОДИҚ

Бардошт чу момо ба газета комат
Аз вашми газета пухта шуд ҳар хомат.
Сӣ соли тамом ин тараф ман ҳаррӯз
Дар сафҳаи ҳар газета бинам номат.
Ҳаҷви ту аҷоиб аст, Муллоҳоҷӣ,
Расво бикунад ланҷигариву гоҷӣ.
Як қиссаи ҳаҷвӣ бинавис акнун ту,
То ин ки шавад бар сари ҳаҷват тоҷе.
Аз мӯи сарат ҳамеша корат бисьёр,
Очерку пьесаву хабарҳот қатор.
Аз халтаи эҷоди ту ёбем он чиз,
Қ-аз қуттии худ ҳеҷ наёбад аттор.

# ШАРҲИ ҲОЛ

«Дар боди тирамоҳ чи таврӣ, бародарам?»[1]
Дар чор фасли гармию сардӣ баробарам.
Сих мезанад дилу нафасам танг мешавад,
Абре агар гузар кунад аз теппаи сарам.
Дар хона аз насими саҳар мешавам зуком,
Шабнам ҳанӯз дар ҳаво, «банда» хавотирам.
Аз дарди сахти дил гаҳе афтам ба печутоб,
Аз атса, сулфаҳо гаҳе дар чеҳраам варам.
Дар дорухона мегузарад вақти ман басе,
Беморхона — хонаву он ҷост бистарам.
Дар суфраам агарчи шаробу кабоб нест,
Сероби ширу шалғаму ҷурғотаму карам.
Бо ин ҳама аҷаб, ки камина саломатам,
Аҳсан, ки бори зиндагӣ бар дӯш мебарам
Як пои ланги насраму дар назм пайраве,
Хизматгари халоиқу ҳампешапарварам.
Ду бор пора шуд дилу дидед, зиндаам,
Гӯё чу санг сахтаму чун чарм чандирам.
Гурда, ҷигар зи оҳану аз чӯян аст шуш,
Тиллоӣ аст ин дилу пӯлод пайкарам.
Дардони даҳр ҳамла кунандам, писанд нест,
Панфиловона дафъ намоям, ғазанфарам.

---

[1] Мисраи Аминзода.

Дар дил ба яъсу ғам надиҳам ҳеҷ гоҳ роҳ,
Аз лои дард то гузарад бехалал харам.
Сад раҳ раҳондаам чу гиребон зи дасти марг,
Донед дӯстон, ки дигар ман намемирам,
«Хуш бошу ханд, то ки гурезад зи ҷисм дард»,—
Ин панди як табиби бузургест мӯҳтарам.

*Соли 1966*

# БА САРТАБИБИ БЕМОРИСТОНЕ

Турфа ҷоест шифохонаи мо,
Ҷои гул хор бирӯяд ин ҷо,
Қишту гулзор ба зери алафанд,
Қади ҷорӯб баланду боло.
Пош хӯрда ҳама ҷо ҳар чизе,
Латтаю пахтаю ҳар буду бало.
Шаб магилмак пуру рӯзона магас,
Хасу хасрӯба ғарам дар ҳар ҷо.
Ҷули қурбоққаю кафлесак пур
Ҳавз не, деги калони шӯрбо.
Ҳар кас ояд ба тааҷҷуб гӯяд:
Магар ин ҷои шифо? Воаҷабо!
Ҳайфи ин дорую бемору табиб,
Ҳайфи он дабдабаю боғу бино.
Сартабибо! Чу сарубар ҳастед,
Ба сари ҳар амал истед шумо.
Пушти девор назар андозед,
Ваҳ чӣ озодаю дилкаш, зебо,
Сухани дӯст, гаҳе талх бувад...
Илтимос ин, ки наранҷед асло

*Соли 1973*

# ХАТО КАРДӢ

*(Фашистпарастони Юнон ватандӯстони*
*он ҷоро уқубат медоданд)*

Ту эй фошисти юнонӣ надорӣ раҳми инсонӣ
Ба сурат одаму бо сиратат дарранда ҳайвонӣ.
Ғуломи ҳалқа баргӯши палидонӣ, фашистонӣ,
Саги занҷирии девонаи долларпарастонӣ.
Ту пиндорӣ барои ин ҷиноят беҷазо монӣ?
Хато кардӣ ҷазоят медиҳад мазлуми юнонӣ!

Ту аз зан, мард, кӯдак,
пирҳо пур кардӣ зиндонро,
Ту ҷори мекунӣ чун об хуни бегуноҳонро,
Ятиму бекасу бехонумон кардӣ ҳазоронро,
Ба зери по гирифтӣ шаъну озодиву виҷдонро
Ту пиндорӣ барои ин ҷиноят беҷазо монӣ?
Хато кардӣ,
ҷазоят медиҳад мазлуми юнонӣ.

Дигар синфи ситамкаш дар ҷаҳон ҳушьёр мебошад,
Ба халқи қаҳрамони мулки Юнон ёр мебошад,
Ба зулму зӯри тоқат кардан ӯро ор мебошад,
Барои ҳифзи амну офият тайёр мебошад.
Бидон, огоҳ бош, эй золими манҳусу беномус,
Нагардад дастгират доллари он сӯи Уқьёнус.

Нидои халқи озоди советӣ тез-барқосо,
Расида то ба ҳар як одами дилсофи ин дуньё,
Кунад даъват ҳимоят кард бояд халқи Юнонро,
Ҳамон халқе, ки бар душман зафарҳо кард беҳамто
Бидон, огоҳ бош, эй золими манҳусу беномус,
Нагардад дастгират доллари он сӯи Уқьёнус.

*Маи соли 1948*

## БАЙРАҚ

*(Аз Лев Ошанин)*

Байрақи Иттиҳоди миллатҳо
Осмонранг — ранги амну амон,
Чи қадар боварӣ, умеди вафо
Ба ту пайваст дар ҷаҳон инсон?
Чи қадар дасти софдилодам,
Монда гардида аз муборизаҳо,
Чи қадар дасти софдилодам,
Ба ту пайваста буд шому сабо?
Чи шуд акнун ба ҷои байрақи сулҳ,
Байрақи орзу умеди ҷаҳон,
Байрақи тираранги роҳзанӣ
Шудаӣ ту ба дасти бонкирон?
Шаш нафар хоинони ин дуньё,
Хоби ороми кӯдаконро бурд,
Шаш нафар доғҳои хунинро
Хоинона ба рӯт нақш намуд.
Ҷои он кафтаре, ки болу параш
Гашт захмин зи тирандозӣ,
Доллари тира ҳамчу лошахӯре
Дар сари ту ҳамекунад бозӣ.
Одамони тамоми миллатҳо,
Мардуми ҳар диёру мулку ватан,

Ба шумо манфиат диҳад оё,
Ин хиёнат, ҷинояти раҳзан?
Хоҷаини ҷаҳон шумо ҳастед,
На ки он соҳибони Қасри сафед,
То ки чун раъд гулдурос занад,
Ҳама овози хеш бардоред!
То ки банкирҳои наҳсу ҳарис
Ин ливоро дигар наолоянд,
То намонем душманони хабис
Ба руҳи он дигар қадам монанд.
То ки он доғи нангу шармовар.
Доғи ифлос тез шуста шавад,
То ба байроқи сулҳу амният
Ранги аслеш боз дода шавад.

*Соли 1950*

## БА БАРОДАР

*(Аз Хресто Ботьев)*

Дар эҳсосот мо ҳар ду баробар,
Ягона фикри мо, андешаи мо,
Барои тавбаи моён бародар
Набошад ҳеҷ як чизе ба дуньё.

Бадӣ кардем ё некӣ ману ту
Барорад ҳукмро оянда авлод,
Қадамро сахт мемонем ҳар ду
Раҳи мо сахту пур аз биму бедод.

Азобу кулфати бисьёр дидем,
Ғарибӣ кард мӯҳтоҷу ҷигарреш.
Шарики ғуссаи якдигар астем,
Бародарвор мо ҳар ду, аз ин беш.

Маломатҳою таъни одамонро
Ба ҳам бинем мо босабру тоқат,
Накарда нолаву оҳу тавалло,
Гузар созем аз байни машаққат.

Ба пеши ҳирсу назди бут сари худ
Фурӯ кардан намехоҳем асло,

Дили мо об гардиду равон шуд,
Ба рӯи лираи пурғуссаи мо.

Ба пеш! Он фикру ҳисси охиринро,
Шарафмандона мо тақсим созем,
Ба мурдан ҳам равон гардем як ҷо,
Муқаддас қавлро иҷро намоем.

# КАЙ БА ЗАХМИ ДАРД МАРҲАМ МЕКУНАД?

*(Шикояти дардманде аз табиби нодон ба духтури ҳозиқ)*

Ҳар таоме меъдаро дам мекунад,
Қоматамро ҳар тараф хам мекунад.

Печутобам медиҳад бисьёр дард,
Оби чашмамро чу шабнам мекунад.

Дод аз дасти табиби муддаӣ!
Қ-ӯ ба дардам дарди нав зам мекунад.

Чун бубинад ҳоли ман бисьёр танг
Мегурезад зудтар, рам мекунад.

Ман намедонам, ки он нодонтабиб
Қай ба захми дард марҳам мекунад.

Гӯям, эй беморкуш, як чора ёб!
Қалларо хам, дидаро нам мекунад.

Ин чи духтур ин, ки доруҳои вай
Дардро афзуну маҳкам мекунад?

Эй табиби ҳозиқи машҳури мо,
Он, ки аз бемор кам ғам мекунад.
Худ наёбӣ дарди моро чорае,
Умрро кам мекунад, кам мекунад...

*Соли 1943*

## ЁДГОРӢ*

Ленини аъзам чу моро аз ситам озод кард,
Манзилу маъвои моро то абад обод кард,
Чеварона сӯзанидӯзе зи мулки тоҷикон,
Ёдгорие барои ёди ӯ эҷод кард.

* * *

Дар ин нақшу нигори халқи тоҷик,
Ба Ленин меҳри мардум ҷо гирифта,
Ба мо ӯ з-он, ки маҳбуб асту наздик,
Чу нур ишқаш ба дил маъво гирифта.

---

* Ба сӯзаниҳои расми Ленин дӯхта шудааст.

# МУНДАРИҶА


Нури дидаву тоҷи сар . . . . . . 3
**Ленин дар шаҳри худ** . . . . . . 4
**Илми ленинӣ** . . . . . . . . . 5
**Ҷовидон бош!** . . . . . . . . . . 7
Ба ҷони ҷаҳон . . . . . . . . . . 9
СССР . . . . . . . . . . . . . 10
Зарафшон . . . . . . . . . . . 11
Кӯҳистон . . . . . . . . . . . . 12
Бар кокулаш печида-печида . . . . 13
Макун арози дароз . . . . . . . 14
Ширин . . . . . . . . . . . . . 16
Бӯи ту омад . . . . . . . . . . 17
Ту меравӣ? . . . . . . . . . . . 18
Муҳаббат то ҷаҳон боқист, боқист. 19
Аз ишқат ҳадисам . . . . . . . . 21
Муҳаббатро муқаддас дон, муқаддас . . . . . . . . . . . . . 23
Дар шаби соли нав . . . . . . . 24
Санавбар . . . . . . . . . . . 25
Дар ҳавопаймо мехобӣ . . . . . . 26
Дареғо! . . . . . . . . . . . . 27
Шаби шиддати дард . . . . . . . 28
Қавли тамоми халқ . . . . . . . 29
Қандата зан! . . . . . . . . . . 31
Ба пахтакори Ватан . . . . . . . 32
Ба ғаллакор . . . . . . . . . . 33
Ба ту мо қоилем . . . . . . . . 34
Марҳабо, баҳор! . . . . . . . . 36
Баҳори большевикӣ . . . . . . . 38
Хушнуду хандон шуд . . . . . . 39

Зебад акнун номи «Тирози ҷаҳон» . 40
Ашъори «тиллои сафед» . . . . . 42
Мурғи умед ба дом омадааст . . . 43
Баъди борон . . . . . . . . . . 44
Саргузашти Сир . . . . . . . . 45
Шаби шаҳри лаби баҳр . . . . . 48
Ба шаҳри Душанбе . . . . . . . 52
Рӯҳи тоза дамид . . . . . . . . 53
Насими Сир . . . . . . . . . . 54
Ленинободам . . . . . . . . . . 55
Худписанди мо назарногир шуд . . 57
Соли нав . . . . . . . . . . . 59
Марди фалакгард . . . . . . . . 60
Малак бар фалак . . . . . . . . 61
Асарам . . . . . . . . . . . . 62
Қатраи шабнам ва офтоб . . . . . 63
Нависанда . . . . . . . . . . . 64
Модар ва ҳуруфчин духтар . . . . 66
Шамшери падар . . . . . . . . . 68
Мактуби модар . . . . . . . . . 69
Сарат аз санг гардад, марди майдон 71
Нома ба Нигор . . . . . . . . . 73
Ба ҳампешагон . . . . . . . . . 74
Шеърҳои ҳаҷвӣ . . . . . . . . . 76
Ба М. Аминзода . . . . . . . . 78
Ҷавоби М. Аминзода . . . . . . . 79
Ба шоири шастсола . . . . . . . 80
Ба Ҳоҷӣ Содиқ . . . . . . . . . 81
Шарҳи ҳол . . . . . . . . . . . 82
Ба сартабиби бемористоне . . . . 84
Хато кардӣ . . . . . . . . . . 85
Байрақ . . . . . . . . . . . . 87
Ба бародар . . . . . . . . . . . 89
Кай ба захми дард марҳам мекунад? . . . . . . . . . . . . . 91
Ёдгорӣ . . . . . . . . . . . . 93

41589

БИБЛИОТЕКА
профкома Ленинабадского
шелкокомбината.

Рахим Джалил

# ПОСЛЕ ДОЖДЯ

(на таджикском языке)

Муҳаррир *М. Шералӣ*
Рассом *В. Пулатов*
Муҳаррири расмҳо *С. Логинов*
Муҳаррири техникӣ *Е Цынн*
Мусаҳҳеҳ *А. Аминов*

ИБ № 107

Ба матбаа 3/I-1978 супурда шуд. Ба чопаш 6/III-1978 имзо шуд. Формати 60×90 1/32. Коғази № 1. Ҷузъи чопӣ 3. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 2,17. Адади нашр 7000. Супориши № 2998. ҚЛ 02313. Нархаш 45 тин.

Душанбе, нашриёти «Ирфон», кӯчаи Айнӣ, 126.

Комбинати полиграфии Қомитети давлатии Совети Вазирони РСС Тоҷикистон оид ба корҳои нашриёт, полиграфия ва савдои китоб.

Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126.

2с90д